**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Хушвахтзода Қ.Х.**
**_______________**
**«__» ____________2020 с.**

ХУЛОСА
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф соли 2002 Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имом Тирмизӣ (ҳоло Муассисаи давлатии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯ-Ҳанифа) бо ихтисоси «мударриси улуми исломӣ», соли 2007 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон бо ихтисоси «ҳуқуқшинос» ва соли 2017 бошад, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос» хатм намуда, аз соли 2019 то инҷониб ба сифати мудири шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолият менамояд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф ҳамчун унвонҷӯи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2020 аз ҷониби аспирантураи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Холиқзода Абдураҳим Ғафор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Анъана ва ҷашну маросим дар ҳар як миллат нақши муҳим дошта, ҷанбаи тарбиявӣ, фарҳангӣ, мафкуравӣ ва иқтисодии он аз ҷониби мутахассисони соҳа борҳо таъкид гардидааст. Махсусан ҷанбаҳои мафкуравию иқтисодии анъанаю ҷашну маросим на танҳо мутахассисону муҳаққиқони он, балки намояндагони ҳокимияти давлатию ҷамъиятиро ба ташвиш оварда, сабаби қабул гардидани санади меъёрию ҳуқуқии махсус гардид. Танзими муносибатҳои вобаста ба анъана ва ҷашну маросим аз ҷониби давлат бо роҳи қабули қонуни махсус натиҷаи дарёфти роҳи ҳалли мушкилӣ дар ин самт мебошад, чунки дар ҳақиқат, аз тариқи қонунгузорӣ танзим намудани анъана ва ҷашну маросими мардумӣ ҳодисаи нодир дар ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқшиносон ва кормандони амалӣ хуб дарк мекунанд, ки танзими як соҳаи ҳаётӣ, ки қоидаю қонуниятҳои танзими худро дорад, мушкилиҳои наву зиёдеро ба миён меорад. Қайд намудан зарур аст, ки омӯзиши илмии масъала ва баррасии мушкилоти мазкур дар сатҳи қонун аз ҷониби муҳаққиқон боз як ҷанбаи нави ҳуқуқ, таносуби меъёрҳои ҳуқуқиро бо меъёрҳои анъана ва ҷашну маросими мардумӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ ошкор месозад, ки аз ин сабаб дар қатори дигар ҷанбаҳои муҳим аҳамияти илмии рисоларо боз ҳам афзун менамояд. Унвонҷӯ муҳокимаю таҳлили масъалаи муҳимеро ба зимма

гирифтааст, ки дуруст амалӣ намудан ва хулосабарории илмӣ метавонад, ки фаъолияти мақомоти давлатиро осон ва сода гардонад. Ба ин нигоҳ накарда, давлати мо муваффақ шуд, ки таҳти роҳбарии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро бартараф карда, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро идома диҳад ва сиёсати давлатии худро дар соҳаи танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ такмил диҳад. Муҳаққиқ аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибоси бамаврид овардааст: «То расму оин ва маросими миллию динии худро ба як низоми муайян надарорем, хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои назаррас ва дилхоҳ ноил шуда наметавонем».

Ҳамин тариқ, лоиҳаи қонун бо дарназардошти зиёда аз 20 ҳазор дархосту пешниҳод, ки ба сомонаи Роҳбари давлат, гурӯҳҳои кории Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва шабакаҳои телевизион ворид шуда буданд, баррасиву таҳлили қонуниву шариатии маросим ва таҷрибаи кишварҳои мусулмонӣ, инчунин, вазъи зиндагии мардуми Тоҷикистон бо супориши Сарвари давлат аз ҷониби гурӯҳи ҷомеашиносон, диншиносон ва ҳуқуқшиносони варзидаи кишвар таҳия гардид.

Мавриди зикр аст, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007, №272 қабул карда шуд.

Қабули қонуни мазкур сиёсати давлатиро дар риштаи танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим ва як қатор самтҳои дигар низ муайян намуд.

Унвонҷӯ мубрамияти амалии мавзӯъро дар он мебинад, ки урфу одат, маросиму анъана ва ҷашнҳои миллию динӣ дар ҳаёти ҳамаи миллатҳо аҳамияти бузург доранд ва таҷассумгару ташаккулдиҳандаи ҳувият ва вижагиҳои ҳар як фарҳанги миллӣ мебошанд.

Сабаби асосии интихоби мавзӯи рисола ҳалли мушкилот дар соҳаи танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим мебошад. Махсусан ташаккул ва инкишофи қонунгузории танзимкунандаи ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар ин самт аз ҷумлаи сабабҳои асосии интихоби мавзӯи пажӯҳиш ба ҳисоб мераванд.

Мақсади асосии пажӯҳиш таҳлили хусусиятҳои таърихӣ-ҳуқуқии анъана, ҷашну маросими милливу динии тоҷикон ва сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими онҳо аз давраи қадим то замони муосир мебошад. Барои расидан ба мақсад ва вазифаҳои асосӣ дар рисола як қатор масъалаҳои мушаххас ва мушкилоти ҷойдошта таҳлил ва баррасӣ шудааст. Махсусан сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими анъана ва ҷашну маросим, табиати ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросими миллии тоҷикон ҳам аз нигоҳи таърихӣ ва ҳам муосир дар рисола таҳқиқ гардидааст.

Рисолаи мазкур аввалин пажӯҳише мебошад, ки ба таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии анъанаҳо ва ҷашну маросими тоҷикон, таъйини сарчашмаҳои пайдоиш ва танзими онҳо, табиату хусусиятҳои онҳо ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Муҳимтарин навгонии рисола дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ он аст, ки расму оин ва маросим аз нигоҳи қонунгузории кишвар нахустин маротиба аз қаринаи илми ҳуқуқ таҳлил ва баррасӣ мегарданд.

Дар рисола усулҳои назарияи маърифат, диалектика, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ истифода шудааст.

Дар диссертатсия зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» **исбот** карда шудааст.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки пайдоиши қонуни мазкурро бо усулҳои илмӣ асоснок намуда, заминаҳои таърихии динии онро ошкор ва таҷрибаи мавҷудаи амали қонунро ба тариқи объективӣ баҳо диҳад. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузории амалкунанда ироа намудааст.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар таҳқиқоти таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва рӯзгори ҳаррӯзаи мардум истифода шаванд. Мубрамияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки маводи он метавонанд дар амалигардонии сиёсати давлатӣ дар ин самт, махсусан татбиқи дурусти қонунгузории соҳа дар таҷриба истифода гарданд. Пажӯҳишгар Шарифзода М.Ш. оид ба такмили қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххас манзур намудааст, ки ҳуҷҷати аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, д.и.ҳ., профессор Э.С. Насриддинзода додашуда ин ҳолатро тасдиқ мекунад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқот барои такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин пешниҳодҳо намудааст, ки қабул шудани онҳо аз манфиат холӣ нест:

- як қатор мафҳумҳои муҳим, аз ҷумла мафҳумҳои «зиёфати расмӣ», «ҷашнҳои расмӣ», «оши тӯй», «ақиқа», «доираи оила» ба қонунгузорӣ ворид карда шаванд. Дар ин сурат танзими муносибатҳои мазкур осон гардида, нофаҳмиҳо ва шарҳу тавзеҳи ҳархела аз байн мераванд.

- ба ғайр аз соҳиби маърака ҷавобгарии дигар шахсони вайронкунандаи қонун низ муайян карда шавад;

- ҳарҷи зудтар омода кардани «тартиби дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани санаи таъсиси идораю муассисаҳо, зодрӯз ва ёдбуди шахсоне, ки ба давлат ва ҷамъият хизматҳои шоиста карданд».

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 1 маҷмӯа, 10 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**[1–М]. Шарифзода, М.Ш.** Исторические традиции в местном самоуправлении / М.Ш. Шарифзода // Маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 3/5 (173). – Душанбе, 2015. – С. 63-69.

**[2–М]. Шарифзода, М.Ш.** Правовое регулирование традиций, торжеств и обрядов: юридико – религиозный аспект / М.Ш. Шарифзода // Маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 2/6 (210). – Душанбе, 2016. – С. 226.

**[3–М]. Шарифзода, М.Ш.** Қонунгузории миллӣ ва зарурати танзими ҳуқуқии анъана, ҷашну маросимҳо ва идҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Ш. Шарифзода // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 188-193.

**[4–М]. Шарифзода, М.Ш.**Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқӣ / М.Ш. Шарифзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 4 (24), 2018 – Душанбе, 2018. – С. 45-55.

**[5–М]. Шарифзода, М.Ш.** Таҳаввули сарчашмаҳои танзими анъана, ҷашн ва маросим: шаклҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар Тоҷикистон / М.Ш. Шарифзода // Ахбори Академии ҳуқуқ. – 2 (30) / 2019. – Душанбе, 2019. – С. 48-53.

**Маҷмӯа:**

**[6–М]. Шарифзода, М.Ш.** Арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ / М.Ш. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 168 с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7–М]. Шарифзода, М.Ш.** Танзими ҷашну маросимҳо тақозои вақт ва ба эътидоловарандаи адолати иҷтимоӣ / М.Ш. Шарифзода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалии «Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъана ва таҳаввулот» (ш.Душанбе, 20/21. 09. 2012). – Душанбе, 2012. – С. 137-140.

**[8–М]. Шарифзода, М.Ш.** Анъанаҳои таърихӣ ва таҳаввулоти худидоракунии маҳаллӣ / М.Ш. Шарифзода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалии «Худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон: назария, амалия ва таҷрибаи ҷаҳонӣ» (ш. Душанбе, 27/28. 02. 2014). – Душанбе, 2014. – С. 59-63.

**[9–М]. Шарифзода, М.Ш.** Дурӣ аз исроф бояд ҷустан / М.Ш. Шарифзода // Маҷалаи илмӣ, динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ «Дин ва ҷомеа» (майи 2015). – Душанбе, 2015. – С. 45-46.

**[10–М]. Шарифзода, М.Ш.** Нақши консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон / М.Ш. Шарифзода // Маҷаллаи илмӣ, динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ «Дин ва ҷомеа» (июли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 39-41.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф дар мавзӯи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф дар мавзӯи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 2 аз «24»-уми сентябри соли 2020.

Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саъдизода Ҷ.

Котиби ҷаласа Бобозода У.Э.

Имзои Саъдизода Ҷ.
ва Бобозода У.Э.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.